Маърӯзаи директори Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол дар маҷлиси васеи Китобхона вобаста ба ҷамъбасти фаъолияти шашмоҳаи аввали Муассиса дар соли 2024
(24.07.2024)

Ҳамкорони гиромӣ,
Дӯстони азиз!

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди анъанаи китобдориву китобхониро яке аз самтҳои асосии сиёсати фарҳангии хеш қарор дода, дар ин самт корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст. Ба мову шумо маълум аст, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи фарҳанг қабул шудаанд, ки дар ривоҷу равнақи соҳаи китобу китобдорӣ нақши бузург гузоштаанд. Бахусус, азму талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешрафти фаъолияти китобдорӣ ва раванди мутолиаи китоб дар ҷомеа такони бузург бахшидааст.

Дар асоси таъкидҳои ишорашуда мо метавон аз ифтитоҳи бинои нави Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар ёдовар шавем, ки ин амал далели исботи гуфтаҳои боло буда, назди китобдорон, махсусан мутахассисони Китобхонаи миллӣ вазифаҳои ҷиддӣ ва муайянеро дар пай дорад.

Имрӯзҳо рисолати асосӣ ва мақсад, ҳадафу вазифаҳои асосии Китобхонаи миллӣ аз саривақт ва босифат қонеъ гардонидани талабу дархости хонандагон бо маводи чопиву электронӣ, такмили фонди китобҳо, ташкил ва баргузории чорабиниҳои муҳимми илмӣ, фарҳангиву маърифатӣ,

феҳристнигории анъанавию электронӣ, омодасозиву интишори осори илмӣ ва дастурҳои методиву библиографӣ иборат мебошад.

## 1. ҲИСОБОТИ КАДРӢ

Мувофиқи ҷадвали басти корӣ дар Китобхонаи миллӣ ба ҳолати 1 июли соли 2024 **2** раёсат, 25 шуъба, 3 марказ, 10 бахш, **1** Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **1** бунгоҳи тиббӣ ва ҳайати кормандони техникию ёрирасон фаъолият дорад. Теъдоди умумии кормандон ба ҳолати 1 июли соли 2024 **505** нафар буда, аз онҳо **451** нафар кормандони асосӣ ва **54** нафарро ҳайати техникӣ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандон **395** нафар зан ва **110** нафар мард мебошад. Мавриди зикр аст, ки **110** нафар корманд бо ихтисоси китобдор фаъолият доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ **230** нафар корманди Китобхона ба рухсатӣ, аз ҷумла **126** нафар ба рухсатии меҳнатӣ, **42** нафар рухсатии давраи таҳсил, **25** нафар рухсатии бемузди меҳнат, **18** нафар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ва **18** нафар рухсатӣ барои нигоҳубини тифл. Зимнан, дар ин давра **1** нафар корманд аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд шуд.

Ҳамчунин, дар шаш моҳи соли равон **27** нафар корманди Китобхона мутобиқи моддаи 41 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҳиши худ аз кор озод ва **36** нафар корманд дар бахшу шуъбаҳои Китобхона ба кор қабул карда шуданд. Ҳамзамон, **6** нафар корманди Китобхона ба нафақа гусел гардида, умуман дар давраи ҳисоботӣ **435** лоиҳаи фармоиш омода ва ба тасвиб расонида шудааст.

Бахшида ба ҷашнҳои гуногуни давлатӣ ва миллӣ дар шаш моҳи соли равон **1** нафар корманди Китобхона бо унвони фахрии “Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, **2** нафар бо унвони фахрии “Аълочии маориф ва илми Ҷумхурии Тоҷикистон”, **5** нафар бо унвони фахрии “Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон”, **44** нафар бо “Ифтихорнома” ва “Сипоснома”-и Китобхонаи миллӣ сарфароз гардонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ **1991** ҳуҷҷат, аз ҷумла 30 адад ҳисобот, 368 адад дархост, 263 адад аризаҳои гуногун, **72** пешниҳод, 116 гузориш, **111** адад

мактуб аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 242 адад мактуб аз вазорату идораҳои чумҳурӣ ва **35** адад мактуб аз хориҷи кишвар аз ҷониби кормандони бахши умумӣ ва коргузорӣ мавриди коркард қарор гирифтааст. Шумораи умумии мукотиботи содиротӣ дар давраи ҳисоботӣ 666 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 41 адад мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 621 адад ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, 4 адад ба хориҷи кишвар ва 88 адад маълумотнома низ ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ **65** адади он бо сабабҳои гуногун иҷро нагардидаанд.

Зиёда аз як сол аст, ки дар Муассиса **бахши китобҳои махсус** фаъолият мебарад, ки мақсади асосии он пешгирии раванди паҳншавии адабиёти аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлуб дар байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ҷавонону наврасон мебошад. Бахш дар шашмоҳаи аввали соли 2024, аз 2486 адад адабиёти умумии маҳфузбуда, 1897 адад мавод (китоб, маҷаллаи илмӣ, харита, брашура, даъватнома ва ҷузва) ба шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир интиқол додааст ва 589 адад маводи дигарро барои таҳияи феҳристи электронии бахш ҷудо кардааст, ки онҳо барои гирифтани хулосаи ташхиси диншиносӣ ирсол карда мешавад.

Мо боварӣ дорем, ки бахш минбаъд низ барои дарёфт ва нигоҳдошти китобҳои аз нигоҳи идеявию сиёсӣ, динӣ ва ахлоқӣ номатлубро дар ҳамкорӣ бо мутахассисони кумитаву идораҳои давлатӣ ба роҳ монда, дар нигоҳдошти асолати миллӣ ва фарҳанги миллӣ мавқеи худро муайян менамояд.

Бинобар ин, ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, махсусан бахши китобҳои махсус дастур дода мешавад, ки дар такмилу омӯзиш ва ҷамъоварии адабиёти аз нигоҳи динӣ ва сиёсӣ мамнуъ корҳои санҷширо бояд бештар ба роҳ монад ва барои пайдо намудани адабиёти мамнуъ ҳамкориҳоро бо вазорату идора ва муассисаву кумитаҳои дахлдор вусъат бахшад.

МУКАММАЛГАРДОНИИ ФОНД ВА КОРКАРДИ АДАБИЁТ

**Шуъбаи мукаммалгардонии фонд.** Дар шаш моҳи аввали соли 2024-ум **25 609** нусха адабиёт ба маблағи умумии 508 201 сомонию **84** дирам ба Китобхонаи миллӣ ворид карда шуда, мавриди коркард қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

| № | Китобҳо | Маҷаллаҳо | Нашрияҳои давомноки илмӣ | Диссертатсия | Автореферат | Нота | Диск |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **2024** | 22932 | 1893 | 102 | 321 | 321 | 22 | 18 |
| **2023** | 23002 | 824 | 6 | 899 | 961 | 11 | 18 |

Ба захираи мубодилавии эҳтиётӣ **1029** нусха китоб ба маблағи умумии 6990 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Кормандони шуъбаи мукаммалгардонии фонд **2730** нусха китобҳои ҳатмӣ, **20105** нусха адабиёти туҳфашуда аз шахсони алоҳида, **669** нусха китоб аз сарчашмаҳои гуногун, **364** нусха маҷаллаи обунавӣ ва ҳамчунин 303 нусха китоб аз сафоратхона ва ташкилоти хориҷиро ба дафтари бақайдгирӣ сабт кардаанд. Ба хотири мукаммал гардонидани феҳристи анъанавии Китобхона ба китобҳо барга навишта, ба шуъбаҳои дахлдор ирсол намудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ ба **23716** нусха адабиёти коркардшуда рамзбандии вижавӣ (часпонидани штрих-код) сурат гирифтааст.

Кормандони шуъбаи мазкур дар ин давра ҳамчунин **22892** нусха китобро дар асоси дархост ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ирсол намудаанд.

**Дар умум, ба ҳолати 1-уми июли соли 2024 фонди хизматии Китобхонаи миллӣ аз 3476994 нусха китоб ва дигар маводи иттилоотӣ иборат мебошад.**

Дар давоми соли 2024 дар умум 6682 китоб аз ҳисоби фонди аз аҳолӣ ҷамъоваришуда коркард гардида, ба фонди асосӣ ва ёрирасони Муассиса интиқол ёфтааст.

Дар давоми шаш моҳи аввали соли 2024 ба воситаи гурӯҳи 45-нафара, ки аз ҳисоби кормандони бахшу шуъбаҳои Китобхона ташкил гардидааст, дар умум **6682** нусха китоб коркард шуда, ба фонди асосӣ ва фондҳои ёридиҳандаи Китобхона супорида шудааст.

Агар воридшавии китоб ва дигар анвои чопиро ба Китобхонаи миллӣ дар моҳҳои сипаришудаи соли 2024 натиҷагирӣ намоем, маълум мегардад, ки харидории адабиёт, қабули нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо, тухфа аз шахсони алоҳида ва сарчашмаҳои гуногуни манбаи чопӣ мувоиқи мақсад ҳам бошад ва ҳатто дар солҳои ахир ба бештару беҳтар воридшавии адабиёт оварда мерасонад, вале дар бадастории баъзе сарчашмаҳои чопӣ, махсусан қабули нусхаҳои ҳатмӣ, ки онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо" танзим менамояд, ҳамоно воридшавии он ба Китобхона доғ боқӣ мемонад. Аз ин нуктаи назар, шуъбаи мукаммалгардонии фондро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоту идораҳои дахлдор ва муассисаҳои ноширӣ барои муътадил нигоҳдошти фаъолият ва такмили адабиёт дар самти бадастории нусхаҳои ҳатмӣ чораҳои мушаххас ва саривақтӣ андешад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи коркарди адабиёт 22022** номгӯ адабиётро қабул ва коркард намудаанд, ки аз он 6624 нусха бо забони тоҷикӣ, 10184 нусха бо забони русӣ, 2141 нусха бо забони англисӣ, 1989 нусха ба фонди захираҳои ёрирасон, 321 нусха рисолаи илмӣ, 321 нусха автореферат ва 339 нусха бо забонҳои давлатҳои ИДМ ва 102 нусха нашрияҳои давомноки илмӣ мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба **6208** нусха китоби тозанашр аз рӯйи ҷадвали Таснифоти даҳгонаи универсалӣ (ТДУ) рақам гузошта шуда, ҳамин миқдор **6208** барга (як нусхагӣ) ва 18624 адад барга (се нусхагӣ) чоп гардидааст.

Кормандони **шуъбаи феҳристнигорӣ 38909** нусха китобро сабти библиографӣ намуда, дар барномаи «ALEPH» ҷой кардаанд, ки дар муқоиса ба шашмоҳаи аввали соли гузашта 3040 нусха кам мебошад. Ҳамзамон, **9000** тасвири электронии библиографии китобҳо тибқи талаботи барномаи «ALEPH» рамзбандӣ карда шудааст.

Дар сохтори Муассиса шуъбаи феҳристнигорӣ фаъолият мебарад ва дар самти электронинамоии феҳристи адабиёти фонди Китобхона заҳмат мекашад ва аз танзимкунандаи барномаи "Алиф" ва истифодабарандаи асосӣ низ дар ин асно мебошад. Ба мову шумо маълум аст, ки фаъолияти бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона вобаста ба таҳияи феҳристи электронии фонди асосӣ тариқи барномаи "Алиф" бомаром идома дошта, тибқи муқаррарот ва меъёри муайяншуда дар ин самт корҳо идома дорад. Дар иртибот ба вазъи феҳристнигории электронӣ дар Китобхонаи миллӣ ба маълумоти Шумо мерасонам, ки айни ҳол дар Муассиса 42 иҷозатномаи барномаи "ALEPH" фаъол буда, 2  адади он иҷозатномаи маъмурӣ (администратор), 20 иҷозатнома ба шуъбаҳо барои ворид намудани тасвири электронии библиографии китобҳои фонди худ дода шуда, 20 иҷозатномаи дигар барои истифодаи хонандагон дар қисмати OPAC-и барнома қарор дорад.

Мо бояд амиқан дарк намоем, ки бо гузашти вақт ва рушди технологияи ҳозиразамон, пайдо гаштани роҳҳои нави хизматрасонӣ талаботи истифодабарандагон аз китобхонаҳо низ тағйир ёфта, истифода аз ҳама навъи ҳуҷҷат ба шакли электронӣ ва рақамӣ пиёда карда мешавад. Иловатан, бояд таъкид шавад, ки дар замони имрӯза фавриятӣ ба даст овардани китоб ва дигар анвои чопӣ ва электронӣ маҷрои тоза касб карда, ба содагӣ истифода аз китобхонаҳо ва сарфаи вақт дар хонандагон зиёд эҳсос карда мешавад. Китобхонаи миллӣ низ дар масири хизматрасонии рақамӣ-электронӣ қадамҳои устувор гузошта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат дар самти татбиқи "Ҳукумати электронӣ" ва хизматрасонии фаврӣ ба истифодабарандагони Китобхона ҳамҷониба

тадбирҳои мушаххас ва саривақтӣ меандешад. Аммо, бо вуҷуди андешидани чораҳои мушаххас ва тадбирҳои зарурӣ дар самти ба шакли электронӣ мубадали феҳристи анъанавӣ дар фаъолияти бахшу шуъба ва марказҳои Муассиса ҳамоно камбудиҳои ҷиддӣ ба чашм мерасад.

Ҳозирини арҷманд,

Дар раванди таҳияи феҳристи электронӣ ва ба ин тариқ пешниҳоди захираи рақамишудаи фонд тамоми китобхонаҳои олам мекушанд то масъалаҳои дохилии хешро ба таври автоматии тезсуръат ҳаллу фасл намоянд ва робитаи хешро бо ҷомеаҳои мухталиф ба таври фавриву худкор вусъат бахшанд. Яъне, бо ин андеша мо гуфтан мехоҳем, ки китобхона танҳо дар он сурат равобити худро бо ҷомеа қавӣ мегардонад, ки талаботи истифодабаранда ба таври бояду шояд қонеъ гардонида мешавад. Бо такя ба гуфтаҳои боло ба муовини якуми директор Раҷабзода Салима, муовинони директор, ба шуъбаи феҳристнигорӣ, автоматикунонӣ, раванди китобдорӣ-иттилоотӣ ва дигар бахшу шуъбаҳои Муассиса дастур дода мешавад, ки барои ҳарчи зудтар ба шакли электронӣ таҳия намудани феҳристи асосии Китобхона тариқи барномаи “Алиф” чораҳои зарурӣ андешида, дар фурсатҳои наздик аз тамои кабудиву норасоӣ ва барои минбаъд ба муваффақият расидани Китобхона дар таҳияи феҳристи электронӣ хулосаҳои аниқ ва таҳлили мушаххас манзур намоянд.

**Шуъбаи таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо** дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона **49** адад дархост қабул намуда, мутобиқи онҳо **8723** нусха адабиётро таъмир кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 - **3173** нусха адабиёт зиёд мебошад.

## 2. КОРҲОИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

Дар иртибот ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотии Китобхонаи миллӣ Дар самти баргардон, таҳия ва нашри осори арзишманди ниёгон ва ҳамчунин осори илмӣ-таҳқиқотие, ки муҳаққиқони дохилию хориҷӣ оид ба таърих, фарҳанг ва расму оини миллати тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ

таълиф намудаанд, **Маркази “Тоҷикшиносӣ”** як қатор корҳоро ба анҷом расонида истодааст. Дар шашмоҳаи аввали соли 2024 китоби «Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ»-и Е.Э. Бертелс дар ҳаҷми 640 саҳифа дар таҳрири ниҳоӣ қарор дошта, дар фурсатҳои наздик барои чоп пешниҳод хоҳад шуд. Китоби мазкур аз 800 саҳифа иборат буда, таҳрири ниҳоии он аз моҳи декабри соли 2022 оғоз гардида буд. Дар ин давра китоби “Киропедия”, “Курушнома”-и Ксенофон Анабасис ба пуррагӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума гардида, баъд аз таҳрири ниҳоӣ ба нашр раоснида шуд. Китоби «Ал-фиҳрист»-и Ибни Надим аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷумаву таҳия гардида, нусхаи пешчопи асар нашр гардид. Ҳамзамон «Таърих» (китоби IV)-уми Ҳеродот Ҳаликарнасӣ аз забони юнонӣ ба тоҷикӣ пурра тарҷума шудааст. Пажӯҳиш ва тавзеҳоти муфассали илмии асари мазкур аз моҳи ноябри соли 2022 оғоз ёфта, то ин дам дар ҳаҷми 117 саҳифа коркард шуда, корҳо дар ин самт идома доранд. Тарҷумаи асари «Ҳаммосаи миллии Эрон» -и Нёлдеке аз забони олмонӣ ба забони тоҷикӣ бо тавзеҳот дар ҳаҷми 110 саҳифа, пурра анҷом расид.

Кормандони Маркази “Тоҷикшиносӣ” дар ин давра китоби «Куруши Кабир»-и Олберт Шондурро дар ҳаҷми 260 саҳифа, «Таърихи Эрони Бостон»-и М.М. Дьяконовро дар ҳаҷми **357** саҳифа аз хатти форсӣ ба кирилӣ баргардон намудаанд ва корҳо дар ин самт идома дорад.

Кормандони Марказ таҳрири «Фарҳанги русӣ-тоҷикии калимаҳои шоз» -и Қамчин Чиллазодро дар ҳаҷми 513 саҳифаи А4 ба анҷом расонида, нусхаи санҷишии он нашр гардида, пас аз таҳлилу ғалатгириҳои ниҳоӣ ба чоп пешниҳод карда мешавад.

Дар доираи нақшаи панҷсолаи Марказ китоби дигар бо унвони «Чакан» ба нақша гирифта шудааст, ки он бо фарогирии мавод ва пажуҳишу таҳқиқоти муфассали илмӣ доир ба таърихи гулдузӣ, гулдузӣ дар таҳлили олимони Шарқу Ғарб, ошноӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, тасвир ва таҳлили рамзҳо дар гулдузиро инъикос мекунад. Асари мазкур қисман дар ҳаҷми 130 саҳифа таҳия шуда, то охири сол пешниҳод карда мешавад.

Аз силсилаи “Тоҷнома” «Таърихи Форс ва адабиёти он (Ҷараёни тасаввуф)» -и А. Кримский мебошад, ки он таҳрир гардида, барои нашри нусхаи санҷишӣ пешниҳод карда шуд.

Ҳамин гуна корҳои тарҷума, баргардон ва нашри осор аз ҷониби **Маркази “Забони тоҷикӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ”** низ ба анҷом расида истодааст. Марказ китоби бузургҳаҷми «Фарҳанги рӯзи сухан»-ро пурра баргардон намуд, ва он пас аз овонигорию (транскрипсия) ва таҳрир ҷилди 1-ум ва 2-юми барои чоп омода гардида, ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хондану хулоса пешниҳод намудан супорида шуд. Айни замон корҳо дар қисми ҷилди 3 ва 4 асари мазкур идома дорад.

Дар доираи таҳияи ҷилдҳои навбатии “Тоҷнома” (Тоҷикон дар масири тамаддун) бошад тарҷумаи китоби Пигулевская Нина Викторовна “Города Ирана в раннем средневековье” (Шаҳрҳои Эрон дар ибтидои асрҳои миёна) аз забони русӣ аз тарафи кормандони маркази мазкур ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ китоби мазкур дар ҳаҷми 395 саҳифа тарҷума гардида, ҳуруфчинӣ ва ғалатгирии он ба итмом расидааст. Айни ҳол асари тарҷумашуда дар дасти муҳаррир қарор дорад. баъди ислоҳи ғалату нуқсонҳо дар назар аст, китоб то охири соли 2024 рӯйи чоп меояд.

Шуъбаи **дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир** дар давраи ҳисоботӣ тарҷумаи китоби таърихии “**Аҳсан-ут-тақосим фи маърифати-л-ақолим**”-и Муҳаммади Мақдисӣ, ки аз 810 саҳифа иборат аст, он дар раванди таҳрири ниҳоӣ қарор дорад. Тибқи нақша то охири соли ҷорӣ китобҳои “**Мамолик-ал-Масолик**”- Истахр ва “**Муруҷ-уз-заҳаб**”-и Масъудӣ бояд пурра тарҷумаву баргардон шаванд, аммо бо сабаби ҷамъоварӣ ва тадвину таҳияи ҷилдҳои дигари силсилакитоби “Тоҷнома” таҳияи ин ду асар мавқуф гузошта шудаанд.

Китоби дигари таҳиянамудаи шуъбаи дастхатҳои Шарқ ин “**Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар**” мебошад, ки он айни замон дар марҳилаи таҳрири ниҳоӣ қарор дорад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир ин ғанӣ гардонидан ва ҳифзу нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ ва китобҳои чопи сангӣ мебошад. Дар шаш моҳи соли 2024 кормандони шуъба аз аҳолӣ дар маҷмуъ 32 нусха китобҳои дастнавис ва чопи сангӣ ҷамъоварӣ ва мазмуну муҳтавои нусхаҳоро омӯхта, баъд аз таҳлилу баррасӣ онҳоро ба комиссияи харидории китоб пешниҳод хоҳанд кард.

Бо мақсади таҳлил, таҳқиқ, омӯзиш ва муайян намудани омилҳо ва қонуниятҳои равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ, шуъбаи илмӣ ва тадқиқотӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. Дар самти омоданамоии дастурҳои методиву библиографӣ таҳияи “Библиография и библиотековедение в 1974-2024 гг”-ро дар ҳаҷми **174** саҳифа, Соҳиб Табаров: нишондиҳандаи методӣ-библиографӣ дар ҳаҷми 4 саҳифа, дар умум 149 саҳифа, “Юнусова Нафисахон Муродовна: маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ- библиографӣ”-ро дар ҳаҷми 180 саҳифа, дастури “Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025” дар ҳаҷми **155** саҳифа, дастури библиографии “Душанбе – шаҳри дилҳо”, ки ба муносибати 100-солагии шаҳри Душанбе ба нақша гирифта шудааст, дар ҳаҷми 106 саҳифа мавод гирдоварӣ ва коркард намудаанд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» шуъба таҳқиқоти сотсиологиро оид ба муайян намудани вазъи воридшавии нусхаҳои ҳатмӣ ба Китобхонаи миллӣ ба роҳ монда, оид ба вазъ ва натиҷаи он пайваста гузориш манзур менамояд.

Дар ин давра маълумотномаи “Китобхонаҳои бузурги ҷаҳон” дар ҳаҷми 126 саҳифа таҳия гардида, дар марҳилаи таҳрири ниҳоӣ қарор дорад.

Дар давраи ҳисоботӣ китобҳои тозанашре, ки ба Китобхонаи миллӣ ворид шудаанд, бо теъдоди **6** адад дар сомонаи Китобхона муаррифӣ гардидаанд. Дар умум, дар шаш моҳи соли равон ба сомонаи Муассиса **30** адад мавод пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта **8** адад кам мебошад.

Тибқи нақша дар давраи ҳисоботӣ кормандони шуъба манбаъҳои вобаста ба нашрияҳои Китобхонаи миллӣ интишоршударо шуруъ аз солҳои таъсисёбии Китобхонаи миллӣ то ба имрӯз рӯйхат намуда, барои дар як базаи умумӣ гирдоварии онҳо дар шакли электронӣ омода намуданд, ки теъдоди онҳо ба **41** адад мерасад.

**Бахши таҳрир ва интишорот** дар асоси дархости воҳидҳои сохтории Китобхона **190** адад даъватнома, **343** адад лифофа, **640** адад бланкаи мактубҳои содиротӣ, **1500** адад буклет, **161** адад табрикнома, **33** адад сипоснома ва **9** адад ифтихорнома ва ғайраро чоп намудааст. Дар умум бахши мазкур **9480** адад маводи гуногунро аз чоп баровардааст.

Дар иртибот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мехоҳам ишора кунам, ки бо ташаббуси дастаҷамъонаи коллективи Китобхона маҷаллаи «Паём»-и Китобхонаи миллӣ низ ба нашр оғоз намудааст, ки дар Маркази байналмилалии ISSN сабти ном шуда, дорои рақами мушаххас мебошад

Дар давраи ҳисоботӣ шумора 2-юми соли 2024-уми маҷаллаи илмии «**Паёми Китобхонаи миллӣ**» таҳия ва ба чоп пешниҳод шуд.

Ҳамкорони иззатманд!,

Чуноне ки шоҳид гаштем, дар қатори хизматрасонӣ ба истифодабарандагони Китобхона, ки аз фаъолияти асосии Муассиса ҳисоб меёбад, корҳои илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ низ аз корҳои дигари мову шумо мебошад. Гарчи дар ин самт корҳои назаррасу мондагор аз ҷониби коллективи Китобхона анҷом мепазирад, вале ҳамоно дар соҳаи китобу китобдорӣ, махсусан дар самти таҳқиқу баррасии масоили китобшиносӣ, китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва таърихи китобу китобдорӣ фаъолияти мо тақвият мехоҳад.

Аз ин нигоҳ, ба муовинони директор, шуъбаҳои илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ, рисолаҳои илмӣ, маълумотдиҳии библоиграфӣ, библиографияи миллӣ, , менеҷмент ва маркетинг, дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир,

феҳристнигорӣ, адабиёти хориҷӣ, абонименти байникитобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои элекронӣ ва Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ супориш дода мешавад, ки барои рушду равнақи фаъолияти китобдорӣ дар Муассиса ва ҳамчун маркази илмӣ-методӣ фаъолияти самаронок нишон додани Китобхонаи миллӣ чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешанд.

## ДАСТГОҲИ ТАРҒИБОТИИ КИТОБХОНА

Ба хотир овардан айни мудао аст, ки шуруъ аз аввали соли 2023 дар сохтори нави Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши матбуот ва робита бо ҷомеа амал мекунад, ки мақсади асосӣ ва ниҳоии он таъмини самараноки фаъолияти иттилоотии Китобхона, дар иртибот бо ҷомеа баланд бардоштани мақоми Китобхона, коркард ва амалӣ намудани PR – лоиҳаҳо, таъмини фаъолият, рушд ва пешбурди WEB портал (сайт)-и Китобхона, нашри маводи тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба мутолиаи китоб, инчунин ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун бо мақсади нигоҳ доштани симои мусбии Китобхона дар фазои иттилоотию фарҳангии ватанӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ 990 мавод дар сомонаи расмии Китобхона гузошта шудааст, ки зиёда аз 152682 нафар онҳоро мутолиа намудааст. Дар қатори сомонаи расмӣ Муассиса фаъолияти телеграмканали Китобхонаро аз моҳи апрели соли 2023 роҳандозӣ намуда, то ин муддат 5362 обуначии доимӣ дорад. Бахши фаъоли телеграмканл “Бойгонии Китобхонаи миллӣ” ном дорад, ки дар ин давра 53 китоби электронӣ дар он гузошта шудааст ва 3508 нафар то имрӯз аз он истифода намудаанд.

Бо вусъати ёфтани хизматрасонии рақамӣ ва онлайнӣ миёни ҷомеа ва дастрасии маводи электронӣ ба хонандагон яке аз самтҳои асоси фаъолияти китобхонаҳои диҷитолӣ ва анъанавӣ гаштааст. Аз ин низом ва ривиши фаъолият ҳеҷ як китобхона дар канор буда наметвонад. Бинобар ҳамин ҳам

Китобхонаи миллӣ дар қатори сомонаи миллии электронӣ, ки зиёда аз 300 ҳазор адабиётро ғунҷонидааст, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, махсусан фейсбук ва телеграмканал дар самти бадастории китобҳои электронӣ фаъолияти босамар ва бомарому мураттабро ҷорӣ кардааст, ки он тавассути кормандони бахши матбуот ва робита бо ҷомеа роҳандозӣ мегардад. Фаъолияти босамари Муассиса дар самти хизматрасонии рақамӣ ва тарғиби иттилооти фаврии фаъолияти мо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи расмӣ танҳо дар сурате рушду тақвият меёбад, ки кулли шуъба, бахш ва марказҳои Муассиса ҳамкориҳои судманд ва судбахшро бо бахши матбуот ва робита бо ҷомеа пурзур ва бо тарзу усулҳои нав ва диди ҷадид пиёда созанд. Аз ин нуктаи назар, ба бахши матбуот ва робита бо ҷомеа, бахш, шуъба ва марказҳои Китобхона дастур дода мешавад, ки дар тарғибу ташвиқи фаъолияти хеш ва Муассиса бетараф набуда, оид ба масъалаи тарғибу ташвиқи китобхона ва китобхонӣ миёни ҷомеа ба таври доимӣ роҳҳову усулҳои навро андеша намоянд ва дар маърифаткунонии аҳли ҷомеа, махсусан ҷавонону наврасон саҳм бигиранд.

## а) ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯҲО, СИМПОЗИУМҲО, СЕМИНАРҲОИ ИЛМИИ ҶУМҲУРИЯВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар шашмоҳаи аввали соли 2024 як қатор конфронсу семинарҳое, ки дар робита ба соҳаи китобу китобдорӣ дар кишварҳои гуногуни олам ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ (онлайн) доир гардиданд, кормандони Китобхонаи миллӣ дар чанде аз онҳо ширкат ва суханронӣ карданд. Аз ҷумла:

- иштирок ва суханронии директори Китобхонаи миллӣ Файзализода Ҷ.Х. дар Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии “LIBWAY – 2024: Илм, технология ва иттилоот дар китобхонаҳо” дар шаҳри Новосибирскии Федератсияи Россия;

- иштирок ва суханронии директори Китобхонаи миллӣ Файзализода Ҷ.Х. дар қароргоҳи ЮНЕСКО, намоиши ҷашнӣ таҳти унвони “Инъикоси осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” дар шаҳри Париж Ҷумҳури Фаронса;

- иштироки пайёми видеоӣ ва суханронии муовини аввали директори Китобхона Раҷабзода С.С. дар конфронси илмӣ таҳти унвони “Самтҳои асоии мукаммалнамоӣ ва ба ҷараёни муосир гузоштани чорабиниҳои илмӣ-методии китобхонаҳо”;

- иштироки муовини директори Китобхона Камолзода С. дар XVII-умин Конфронси байналмилалии “Center-Asia-2024”: Интернет ва захираҳои иттилоотӣ- китобхонавӣ дар соҳаи илм, маориф фарҳанг ва тиҷорат” дар шаҳри Ҷизах ва Самарқанди Ҷумҳурии Ўзбекистон;

- иштироки муовини аввали директори Китобхона Раҷабзода С.С. ва сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Шобулбулова М. Конфронси онлайнӣ оид ба санадҳои ҳамкории Тоҷикитсон ва Туркия.

Умуман, дар шашмоҳаи соли 2024 **7-**нафар кормандони Китобхона ба сафари хизматӣ ба Новосибирскии Федератсияи Россия, Фаронса, Ўзбекистон сафарбар карда шуданд.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ БИБЛИОГРАФИИ ШУЪБАҲО ВА ТАҲИЯИ ДАСТУРҲО

Бо ташаббус ва талоши кормандони шуъбаи **библиографияи миллӣ** дар шашмоҳаи аввали соли 2024 дастури библиографӣ-шарҳиҳолии шоир Ато Мирхоҷа ва дигар аз дастурҳои библиографӣ-шарҳиҳолӣ нависанда ва тарҷумон Маҷид Салим аз чоп баромад.

Дар иртибот ба масъалаи нашри дастурҳои библиографӣ ва методӣ дар Муассиса айни ҳол фаъолияти шуъбаи библиографияи миллӣ дар ин самт хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар шаш моҳи аввали соли равон аз тарафи кормандони шуъбаи библиогарфияи миллӣ, дар умум, **50** мавод дар сомонаи Китобхона ба нашр расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 **22** мавод зиёд мебошад.

Кормандони шуъба тавассути барномаи «Библиограф» 3997 барга ба феҳристи электронии шуъба ворид намудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 20631 барга кам мебошад. Дар ин муддат ба қуттиҳои феҳристи мураттабии шуъба 2280 барга аз рӯйи соҳаҳо ворид карда шудааст, ки ин шумора низ нисбат ба шаш моҳи аввали соли гузашта 12244 барга кам мебошад.

Ҳамчунин, аз рӯйи 73 нусха маҷалла ва 446 нусха рӯзнома доир ба мавзуъҳои гуногун мақолаҳо интихоб ва тасвири библиографӣ карда шудаанд. Кормандони шуъба аз қуттиҳои картотекаҳо 4440 баргаро таҳрир намуда, 44 баргаи фарсудашуда ва дар 60 қисми онҳо (рубрикаҳо)-ро иваз намуданд.

**Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** фаъолияти ҳамарӯзаи **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,** муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки ба беҳтаргардонии сатҳи зиндагии мардум ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат равона гардида, аз баргузории сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат, иштирок дар чорабиниҳои муҳимми сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, ифтитоҳи иншооти наву замонавии таъйиноти гуногун, сафарҳои расмию давлатӣ ба мамолики хориҷӣ, ташрифи сарони дигар кишварҳо ба Тоҷикистон , машваратҳои корию суҳбатҳо бо намояндагони сохторҳои давлатӣ, аҳли заҳмат ва сокинони кишвар иборат буда, дар матбуоти давриву сомонаҳои интернетии дохиливу хориҷӣ ба таври васеъ инъикос мешаванд, гирдоварӣ, пажӯҳиш ва библиографинамоӣ карда, ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мекунанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Медиатека, дар маҷмуъ, **5229** адад мавод – ба забони тоҷикӣ3237 мавод, ба забони русӣ 1815 мавод, ба забони ӯзбекӣ 177 мавод гирдоварӣ намуданд, ки нисбат ба шашмоҳаи аввали соли гузашта 12849 адад кам мебошад. Инчунин, 40 адад тасвири аналитикии китобҳоро ба анҷом расониданд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандон фонди умумии Медиатекаро мавриди санҷиш, тафтиш ва ҷобаҷогузорӣ қарор дода, муайян намуданд, ки то ба имрӯз дар фонд **1291** нусха китоб (1057 тоҷикӣ, 208 русӣ, 26 китоб ба забонҳои хориҷӣ ва дар хориҷа нашргардида) маҳфуз дошта мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони Медиатека махзани маводи электронии аз вилоят ва шаҳру ноҳияҳо гирдоваришуда мавриди санҷиш қарор дода шудааст, ки дар он рӯйхати электронии **266** маводи мусаббат таҳия ва ҷобаҷогузорӣ шудааст.

Ҷиҳати амалишавии бомаром ва ҳадафмандонаи лоиҳаи «Бунёди маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи Нақшаи кории лоиҳа, нақшаҳои инфиродии иҷрокунандагони лоиҳа, таҳияи дигар ҳуҷҷатҳо барои иҷрои гурӯҳи корӣ тасдиқшуда фаъолияти худро босамар анҷом дода истодааст.

Дар ин замина, корҳои гирдоварии мавод барои дастурҳои электронии библиографии иттилоотии “Савол ва ҷавоб”, “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар”, “Хазинаи чопӣ ва электронии маводи мусаббати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Корнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксу мусавварахо” ва “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – эҳёгари ҳунарҳои мардумӣ” бомаром идома дорад.

Аз ҷониби кормандони шуъбаи **адабиёти хориҷӣ,** дар умум, то ин муддат 8067 нусха адабиёт ба феҳристи электронӣ ворид карда шудааст.

Дар назди шуъбаи адабиёти хориҷӣ гӯшаи якчанд кишварҳои хориҷӣ фаъолият менамоянд, ки дар асоси ҳамкорӣ бо онҳо мубодилаи байналмилалии китоб ба роҳ монда мешавад.

## 6. ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Дар баробари коркард ва табъу нашри асарҳои марбут ба таърихи миллат, дастурҳои методиву феҳристномаҳо самти дигар ва муҳими

фаъолияти Китобхона ин такмили ихтисоси китобдорони Китобхонаи миллӣ ва дигар китобхонаҳои ҷумҳурӣ тавассути роҳандозии курсҳои гуногуни омӯзишӣ мебошад. Дар ин замина **Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдории** Китобхона ҳамасола курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисосро доир менамояд.

Кормандони **Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ** дар давраи ҳисоботӣ **32** нафар аз кормандони Китобхонаро дар ду марҳила ба курси бозомӯзии барномаи "ALEPH" ҷалб намудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Марказ тамоми ҳуҷҷатҳорро барои гирифтани иҷозатномаи фаъолияти илмӣ-таълимии аспирантура ва доктор PhD, инчунин 2 нақшаи таълимиро таҳия карда, барои мувофиқа ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

Дар шаш моҳи аввали соли 2024 210 нафар таҷрибаомӯз аз Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дар марказ ва шуъбаҳои гуногуни Китобхона ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

## 7. ХИЗМАТРАСОНӢ БА ХОНАНДАГОН

Таҳлилу натиҷагирӣ аз фаъолияти бахши бақайдгирии шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон нишон дод, ки аз оғози фаъолият то ба имрӯз **278475** нафар узви Китобхонаи миллӣ шудаанд. Дар шашмоҳаи аввали соли 2024 ба узвияти Китобхона **4376** нафар қабул карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 1058 нафар зиёд мебошад. Аз ҷумла:

Ба толорҳои шуъбаи хизматрасонӣ - толори хониш, толори тиб ва табиатшиносӣ ва толори ҳуқуқ ва фалсафа, дар давраи ҳисоботӣ **38958** нафар хонанда ташриф оварда, ба онҳо ҷиҳати дастрас намудани беш аз **42854** нусха адабиёт хизмат расонида шудааст, ки ин шумора дар муқоиса ба шашмоҳаи аввали соли гузашта 4505 нафар хонанда ва 4420 нусха китоб кам

мебошад. Дар дигар толорҳои хониши Китобхона омори ташрифот ва китобдиҳӣ ба таври зер мебошад:

| № | Номи сохтор | Шумораи хонандагон | Китобдиҳӣ | Маводи электронӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шуъбаи матбуоти даврӣ | 2704 | 22782 | |
| 2 | Шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар | 753 | 342 | 1227 |
| 3 | Шуъбаи библиографияи миллӣ | 1559 | 1240 | |
| 4 | Шуъбаи депозитарӣ | 196 | 35 | |
| 5 | Шуъбаи абонементи байни китобхонаҳо | 2342 | 2745 | |
| 6 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд | 1145 | 180 | 778 |
| 7 | Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир | 2120 | 3000 | |
| 8 | Шуъбаи маълумотдиҳии библиографӣ | 707 | 1481 | |
| 9 | Шуъбаи адабиёти хориҷӣ | 8243 | 1895 | |
| 10 | Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасон | 3653 | 10716 | |
| 11 | Шуъбаи адабиёти табиатшиносӣ, техникӣ ва илмҳои дақиқ | 2436 | 617 | |
| 12 | Толори хониши электронии шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ | 10952 | | 5881 |
| 13 | Шуъбаи рисолаҳои илмӣ | 2726 | 2142 | |
| 14 | Шуъбаи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон | 38958 | 42854 | |

Аз нишондиҳандаҳои оморӣ маълум мешавад, ки шумораи умумии хонандагон ва диҳиши адабиёт дар шашмоҳаи аввали соли 2024-ум **78494**

нафар хонанда ва **90029** нусха китоб ва **7886** адад маводи электрониро ташкил медиҳад, ки ин шумора дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-ум **6654** нафар хонанда зиёд ва **1491** нусха китоб кам мебошад.

Бо мақсади хизматрасонии саривақтӣ ва босифат ба хонандагон шуъбаи **матбуоти даврӣ** дар давраи ҳисоботӣ ҳар ҳафта ба шуъба зиёда аз **49** номгӯи рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ бо забони тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ, 49 номгӯи рӯзномаҳои ноҳиявӣ ворид мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ ба фонди шуъба 2052 нусхаи рӯзнома дар асоси нусхаи ҳатмӣ ба забони тоҷикӣ, 1234 шумора ба забони русӣ, 898 шумораи рӯзномаҳо дар асоси нусхаи обунавӣ ба забонҳои тоҷикӣ, 215 шумора ба забони русӣ, 725 шумора рӯзномаҳои ноҳиявӣ аз рӯйи нусхаҳои ҳатмӣ ва обунавӣ, 558 шумора аз шуъбаи билиографияи миллӣ интиқол гардида, 2238 шумораи маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ русӣ аз рӯйи нусхаи ҳатмӣ ва обунавӣ ва аз сарчашмаҳои гуногун ворид шудааст, ки маҷмуан 5682 нусхаи рӯзнома ва 2238 шумораи маҷалларо ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи аввали соли 2024 фонди умумии **шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони имкониятташон маҳдуд** 7396 адад китобро ташкил медиҳад.

**Шуъбаи абонементи** байникитобхонавӣ ва таҳвили ҳуҷҷатҳои электронӣ дар асоси ҳамкорӣ бо китобхонаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ба воситаи абонементи байни китобхонаҳо дар умум 11 нусха китоб , аз ҷумла 5 нусха ба вилояти Хатлон интиқол ёфтааст.

Дар ин муддат кор бо хонандагони қарздор аз ҷониби кормандон пурзӯр гардида, **1160** нусха китоб баргардонида шудааст, ки ин нишондод назар ба шашмоҳаи соли гузашта **715** нусха зиёд мебошад.

Кормандони **шуъбаи депозитарӣ** дар давраи ҳисоботӣ **201 нусха** китоби таъмирталаб ҷудо карда, ба бахши таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо супоридаанд.

**Шуъбаи нигохдории китоб** дар давоми шаш моҳи соли 2024 аз махзанҳои китобии дар тавозуни худ қарордошта зиёда аз 10264 нусха китобро ба шуъбаҳои хизматрасонии Китобхона пешниҳод намудааст, ки

нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 333 нусха китоб зиёд мебошад. Барои ғанӣ гардонидани фонди шуъбаи нигоҳдории китоб дар ин давра 14511 нусха китоб бо забонҳои гуногун ба шуъба ворид гардидааст.

Кормандони **шуъбаи адабиёт доир ба фарҳанг ва ҳунар** дар давраи ҳисоботӣ 11 адад маводи гуногунро дар сомонаи Китобхона ба нашр расониданд.

Кормандони шуъба, **78159** адад маводи фонди шуъба, 8150 нусха китоб, 62615 нусха нота, 3685 нусха пиеса, 3160 адад грампластинка, 488 адад диск ва 61 адад варақаҳои тарғиботиро рӯйхати электронӣ намуданд.

**Ба Шуъбаи адабиёти кӯдакон ва наврасони** Китобхона дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ **3653** нафар хонанда ташриф оварда, **10716** нусха китобро мавриди мутолиа қарор додаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ** ба 707 нафар хонанда хизмат расонида, 1481 мавод оид ба илмҳои гуногунро манзури истифодабарандагон гардонидааст.

Дар давоми шаш моҳи аввали соли равон ба **шуъбаи рисолаҳои илмӣ** ба миқдори 340 нусхаи рисолаи илмӣ, аз ҷумла 206 нусха ба забони тоҷикӣ, 164 нусха ба забони русӣ, 340 нусха автореферат, аз ҷумла 206 нусха бо забони тоҷикӣ, 164 нусха ба забони русӣ, 38 нусха маҷалла ва аз ҷониби мурочиаткунандагони «Толори кормандони илм» 232 адад шакли электронии рисолаҳои номзадию доктории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояшуда ворид гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 11595 адад адабиёти фонди академикон ва докторони илм ба барномаи «Алеф» ворид карда шуда, 11595 адабиёт бо рамзбандии вижагӣ (штрихкод) таъмин карда шудааст, кор дар ин самт идома дорад. Дар ҳамин давра ба фонди толори академикон аз ҷониби донишмандони соҳаҳои гуногун ба миқдори **697** нусха китоб ва дигар маводи чопӣ тухфа гардидааст.

## 8. РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИТОБХОНА

Китобхона дар доираи мубодилаи байналмилалии китоб бо китобхонаҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуда, бо китобхонаҳои **28** давлати ҷаҳон додугирифт дорад. Байни Китобхонаи миллӣ ва **20** китобхонаи хориҷӣ Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ амал мекунад.

Шуъбаи **робитаҳои байналмилалӣ** тасмим дорад, ки дар соли 2024 бо китохонаҳои миллии Туркия, Ҳиндустон, Фаронса, Миср, Малайзия лоиҳаҳои Ёддошти тафоҳуми ҳамкориро пешниҳод кунад.

## 9. ЧОРАБИНИҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Дар шаш моҳи аввали соли 2024 дар Китобхонаи миллӣ **112** адад ва аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ 28 адад, яъне дар маҷмуъ, **140** чорабинӣ доир гардидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-ум 57 адад зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони **шуъбаи тарғиб ва барномаҳои фарҳангӣ** ба **437** гурӯҳ меҳмонони дохиливу хориҷӣ ва донишҷӯёну мактаббачагон саёҳат (экскурсия) гузарониданд, ки дар маҷмӯъ **8456** нафар меҳмонон бо шароит ва имконоти хизматрасонии Китобхонаи миллӣ шинос гардиданд.

**Шуъбаи маркетинг ва менеҷменти фаъолияти китобдорӣ** дар шашмоҳаи аввали соли 2024 бахри ҷалби бештари хонандагон ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳаматарафа чораҷӯӣ намуда, хоҳишмандонро рӯйхат ва ба онҳо оид ба курсҳо маълумоти заруриро пешкаш намуданд.

Бо мақсади нишон додани мақом ва нуфузи Китобхонаи миллӣ кормандони шуъбаи менеҷмент ва маркетинг зиёда аз 1000 адад варақаи таблиғотӣ омода намуда, тақсим кардаанд.

Роҳбарият ва кормандони Китобхона ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳамаҷонибаи Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” аз тариқи шабакаҳои телевизиониву радиоӣ, матбуоти даврӣ ва сомонаи Китобхона фаъолияти пурсамар доранд.

Ҳамакнун, бо пешниҳод ва ташаббуси Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли ҷорӣ Озмуни ҷумҳуриявии “Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” роҳандозӣ гардид, ки он аз ҷониби Ҳукумат ва ниҳодҳои дахлдор дастгирӣ ёфт. Ҳадафи асосии он арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори миллати тоҷик, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корнамоиҳои наҷиб ва фаъолияти шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи наҷоти миллат, таҳкими Ваҳдати миллӣ, эъмори модели нави давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон дар шароити нави таърихӣ ва ба ин васила дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, ифтихори миллӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи Мактаби давлатдории Пешвои миллат миёни қишри ҷавони аҳолии кишвар, бахусус донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад. Айни ҳол вобаста ба озмуни мазкур толори махсус аз ҳисоби адабиёти барои озмун пешбинишуда ба намоиш гузошта шуда, довталабон аз он истифода бурда метавонанд.

## a. МАҲФИЛҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР КИТОБХОНА

Китобхонаи миллӣ ҳамчун муассисаи фарҳангии кишвар дар баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-сиёсӣ нақши муҳим бозида, яке аз маконҳои асосии баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳисоботӣ дар Китобхонаи миллӣ машғулиятҳои маҳфилҳои “Шоҳасари безавол”, “Ҳамешабаҳор”, “Дар суҳбати адиб”, “Дастони моҳир”, “Хандарез”, “Ганҷи сухан”, “Панҷаи ҳунар”, “Фурӯғ” ва “Равшандилон” ва ғайра баргузор гардиданд.

**Чорабиниҳое, ки аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои давлатӣ дар Китобхона баргузор гардиданд:**

**1.** “Ҷаласаи якуми гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ оид ба рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ташкилу назорати корҳои ободониву кабудизоркунӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо” аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**2.** Фестивали байналмилалии “Наврӯз-мероси фарҳангию ҷаҳонгардӣ” аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

## 10.ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ, КОММУНАЛӢ, ХОҶАГӢ

Аз ҷониби **шуъбаи истифодабарии техникӣ ва хизматрасонии электроэнергетикӣ** дар давраи ҳисобтӣ ба миқдори умумии 768 адад фурӯзонакҳои каммасрафи равшаннокиаш баланд насб карда шудаанд.

**Бахши бехатарӣ аз сӯхтор** дар давраи ҳисоботӣ тамоми ошёнаҳо, роҳравҳо, толорҳои хониш ва махзанҳоро бо воситаи аввалиндараҷаи оташнишонии ОП-5 таъмин карданд.

## а). ФАЪОЛИЯТИ ШУЪБАИ АВТОМАТИКУНОНИИ РАВАНДИ КИТОБДОРӢ-ИТТИЛООТӢ

Сервер ва барномаи турникет (Access Control) зери назорати доимии масъулони шуъбаи автоматикунонии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ қарор дошта, тамоми кормандони Муассиса бо изи даст, чип ва кортҳои даромаду баромад вориди Китобхона мегарданд. Веб-барномаи Kerio Control, Server Ubuntu 18.04 бо иҷозатномааш ҷиҳати таъмин намудани назорат, таъйину тақсими истифодаи самараноки шабакаи интернет, истифодаи дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ ва баҳисобгирии омори истифодаи он дар Китобхонаи миллӣ ба истифода дода шудааст.

Аз ҷониби кормандони гурӯҳи нусхабардорӣ ба миқдори 770 нусха китоб дар ҳаҷми 211650 саҳифа нусхабардорӣ, коркард ва ба формати PDF гардонида шудааст, ки ин назар ба шашмоҳаи нахусти соли гузашта 68 китоби электронӣ зиёд мебошад.

Фаъолияти барномаи «ALEPH» зери назорати доимии масъулони шуъбаи мазкур қарор дорад.

Тибқи омори веб-барномаи Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ **216** нафар хонанда сабти ном шуда, 41206 хонандаи маҷозӣ аз веб-барномаи мазкур истифода намудааст. Инчунин, тибқи мактуб ва дархост ба як қатор сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ зиёда аз **20 735** нусхаи электронии китоб ва маводи таълимӣ дода шудааст.

## б). ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОИИ КИТОБХОНА

**Фаъолияти шуъбаи муҳосибот.** Яке аз вазифаҳои асосии шуъбаи муҳосибот ин истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои ҷудогардида, мусоидат ба баландшавии захираҳои маводи Китобхона, таъмини саривақтии музди меҳнати кормандон ва ғайра мебошад, ки шуъбаи мазкур дар доираи имкониятҳо вазифаҳои худро мунтазам иҷро менамояд.

**Шӯрои бонувони Китобхона** дар мавриди корҳои фаҳмондадиҳӣ фаъолияти назаррас дошта, дар давраи ҳисоботӣ дар мавзуи “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, бахшида ба “Рӯзи модар” таҳти унвони “Модар зи бузургӣ сару пои ту нигин аст”, “Наврӯз ҷашне аз ниёгон” ва бахшида ба “Рӯзи байналмилалии оила” таҳти унвони “Нақши модар дар тарбияи фарзанд ва пойдории оила” чорабиниҳо гузаронидааст.

Аз натиҷаи фаъолияти **Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим** дар Китобхонаи миллӣ бармеояд, ки кормандони Китобхона дар давраи ҳисоботӣ таъмини риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро сармашқи кори хеш қарор дода, зимни баргузории ҷашну маъракаҳои кормандон дастуроти қонуни мазкурро пурра таъмин кардаанд.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ

| № | Нишондиҳанда | Воҳид | Шашмоҳаи аввали соли 2024 | Шашмоҳаи аввали соли 2023 | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Теъдоди умумии аъзои Китобхона | нафар | **278475** | **262462** | **16013 зиёд** |
| 2. | Теъдоди аъзои нав | нафар | **4536** | **3318** | **1218 зиёд** |
| 3. | Теъдоди ташрифи хонандагон ба толорҳои хизматрасонӣ | нафар | **78494** | **71840** | **6654 зиёд** |
| 4. | Теъдоди адабиёту маводи аз ҷониби хонандагони толорҳо истифодашуда | нусха | **90029** | **91520** | **1491 кам** |
| 5. | Такмили фонди адабиёт | нусха | **25609** | **25704** | **95 кам** |
| | | сомонӣ | **508201,84** | | |
| 6. | Афзоиши теъдоди китобҳои Китобхонаи электронӣ | нусха | **338066** | **332750** | **5316 зиёд** |
| 7. | Миқдори чорабиниҳо | адад | **140** | **83** | **57 зиёд** |
| 8. | Теъдоди саёҳатҳо (экскурсияҳо) | гурӯҳ | **437** | **184** | **253 зиёд** |
| | | нафар | **4354** | **2465** | **1889 нафар зиёд** |